# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.KOA-026 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Парвандаи аттестатсионии №__**
**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 03 декабри соли 2020, тахти №21**

**Дар бораи ба Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо, шахрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии доктори имлмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа**

Диссертатсия дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм» дар таърихи 26-уми августи соли 2020, суратмаҷлиси №02 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.02.2020с., №28) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаб Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо, соли 1974 таваллуд шудааст. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 1999 факултети шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) аз рӯйи ихтисоси "забон ва адабиёти араб" хатм намудааст. Аз соли 1999 то имрӯз дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият намудаистодааст. Соли 2010 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Назари муҳаққиқони араб ба фалсафаи Ибни Сино" аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа ҳимоя намудааст. Айни замон директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи Шарқи Наздик ва Миёнаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ**: Саид Нуриддин Саид - доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, раиси Кумитаи телевизион радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ;

**Атоев Атоулло Мухторович** - доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров;

**Самиев Бобо Ҷӯраевич** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи фалсафа, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Саъдуллоев М. ба имзо расида, аз ҷониби ректори ҳамин Донишгоҳ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Миралиზода А.М. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм» ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз руйи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Ниёзӣ Ё.Б. алоқамандии зич доранд.

Довталаб 16 мақолаи чопӣ дорад, ки ҳамаашон дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ниёзов Ё.Б. Материалистическая интерпретация онтологии Ибн Сины в современной арабской философии [Текст] / Ё.Б. Ниёзов// Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: Философия и право.- №1.- 2010. -С 35 – 46.
2. Ниёзов Ё.Б. Интерпретация Шайхуларз о философии Ибн Сины [Текст] / Ё.Б. Ниёзов// Вестник Таджикского национального университета. -№4 (61).- 2010. -С. 107-112.
3. Ниёзов Ё.Б. Новый взгляд на мистицизм Ибн Сины [Текст] / Ё.Б. Ниёзов // Вестник Таджикского национального университета.- №4 (61).- 2011. -С. 27-34.

4. Ниёзов Ё.Б. Мистический взгляд Ибн Сины [Текст] / Ё.Б. Ниёзов// Вестник Таджикского национального университета. -№ 6.- 2012. - С. 50-57.
5. Ниёзов Ё.Б. Ибн Сина и мистицизм [Текст] / Ё.Б. Ниёзов// Вестник Таджикского национального университета. 1-ая часть, № 3/8 (101). – Душанбе: Сино, 2013. -С. 147-153.
6. Ниёзов Ё.Б. Теория благодати в онтологии Сухраварди [Текст] / Ё.Б. Ниёзов// Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова АН РТ.- №4.- 2012. -С. 6-11.
7. Ниёзов Ё.Б. Аналитический метод Ибн Сины [Текст] / Ё.Б. Ниёзов// Известия Института философии, политологии и права им. А Баховиддинова АНРТ.- №3.- 2014.- С. 3-6.
8. Ниёзов Ё.Б. Таъсири назариявии Ибни Сино дар инкишофи таълимот оид ба таснифи илмҳо дар таърихи фалсафа [Текст] / Ё.Б. Ниёзов// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. - № 3.- 2017.- С. 39-49.
9. Ниёзӣ Ё.Б. Таснифи илмҳо дар фалсафаи Ибни Сино: проблемаҳои методологии таҳлили назариявӣ [Матн] / Ё.Б. Ниёзӣ// Известия Института философии, политологии и права им. А Баховиддинова АНРТ.- № 1.- Душанбе, 2018. -С. 56-65.
10. Ниёзӣ Ё.Б. Пешзаминаҳои бостонии ғоявии назарияи таснифи илмҳои Ибни Сино [Матн] / Ё.Б. Ниёзӣ // Ахбори АИҶТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.-№ 4.- (254).- Душанбе.- 2018. -С 10-18.
11. Ниёзи Ё. Б. Абунаср Фараби – возродитель перипатетической школы [Текст] /Ё.Б. Ниёзи// Ахбори АМИТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.-№ 1, (255). –Душанбе.- 2019. -С 15-28.
12. Ниёзӣ Ё.Б. Таснифи илмҳо аз назари мактабҳои фалсафӣ [Матн] /Ё.Б. Ниёзӣ// Известия Института философии, политологии и права им. А Баховиддинова АНРТ. -№ 4.- Душанбе, 2019. -С. 60-68.
13. Ниёзӣ Ё. Б. Таснифоти илм ҳамчун омили асосии навгониҳои илмӣ дар фалсафаи асримиёнаи тоҷик [Матн] /Ё.Б. Ниёзӣ// Известия Института философии, политологии и права им. А Баховиддинова АНРТ. -№ 3.- Душанбе, 2020. -С. 100-106.
14. Ниёзов Ё.Б. Отношение А. Газали к теории классификации Ибн Сины. Вестник Таджикского национального университета № 3/4. Душанбе.-2017.-С.129-135.
15. Ниёзӣ Ё.Б. Мантиқ – пропедевтикаи назариявии таснифи илмҳои Ибни Сино [Матн] /Ё.Б. Ниёзӣ// Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.-№3.-Душанбе, 2020.
16. Античные идейные предпосылки теории классификации наук. [Матн] /Ё.Б. Ниёзӣ// Маҷаллаи илмӣ-назариявии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ “Муаррих”.-2 (22).-Душанбе, 2020.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, академики АМИТ, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳовиддинови АМИТ – **Олимов К.;**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, академики АМИТ, сарходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ – **Турсунов А.;**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон – **Зоҳидов О.Ҳ.;**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва ояндаангарии илмии АМИТ – **Беков К.**;

- аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ – **Мардонӣ Т.Н.**;

- аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, профессори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Чуваш (ФР) – **Каримов Б.К.**

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои ҷузъӣ баён шудаанд. Эродҳо асосан оид ба такрор шудани фикрҳои муаллиф, норасогиҳои имлоиву техникӣ, дахл доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- ошкор карда шудааст, ки сарфи назар аз он, ки пайдоиши мактаб ва маводи таълимӣ, китобу дастурҳои фардӣ (монография) дар мавзӯъҳои мухталиф ба замони Афлотун ва Арасту рост ояд ҳам, вале машшоиёни шарқӣ бори нахуст китоби алоҳидае бо номи “Иҳсо ал-улум” ва рисолаҳои мустақиле, ба мисли “Тақсими улуми ақлӣ”дар ин замина ба вуҷуд оварданд;

- аввалин бор ташаккули мафҳумҳо ва таснифу табақабандии илмҳо аз нигоҳи илмӣ таҳлилу баррасӣ шуда, маълум карда шудааст, ки мафҳуму категорияҳо ва таснифоти илмҳо дар заминаи эҳтиёҷоти амалии инсон ташаккул ёфтаанд. Ин мафҳумҳо ва масъалаҳо бозгӯкунандаи шинохти олам ва камолоти инсонианд, ки минбаъд асоси мавзӯъҳои илмҳои инсоншиносӣ, ҷомеашиносию равоншиносӣ гаштанд;

- муайян шудааст, ки бо ворид шудани дини ислом дар фарҳанги тоҷик илмҳо ба ваҷҳи дигар ташаккул ёфтанд. Аз ҷумла, мактабҳои фиқҳию каломӣ пайдо гардида, ба таҳқиқи соҳаҳои мухталифи илм даст заданд. Мактаби машшоия бошад, бо таъсирпазири аз фарҳанги юнонию исломӣ мактаби ба вуҷуд омад, ки бештар ба ақл ва усулҳои мантиқ такя мекард. Дар таснифоти илмҳои мактаби машшоиёни шарқӣ бартарияти бештар ба улуми ақлӣ дода мешуд, на ба улуми нақлию каломӣ;

- нишон дода шудааст, ки таснифоти илмҳои фалсафаи машшоия ба таснифи муосири илм таъсири назаррас расонидааст. Ин таъсир дар айнияти онҳо эҳсос мешавад;

- бори нахуст, мақоми таснифоти илмҳо дар фалсафаи Ибни Сино дар таснифоте, ки аврупоиҳо дар замони нав ва инқилоби илмии асрҳои XVII-XVIII доштанд, бо далелҳои басандаи илмӣ нишон дода шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти** мазкур дар он аст, ки мавзӯи "Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм" ба муҳаққиқони таърихи фалсафаи тоҷик кӯмак мекунад, ки онҳо бо таълимотҳои фалсафии асримиёнагӣ доир ба таснифи илм, массусан, машшоияи шарқӣ ба таври густурда ва амиқ ошноӣ пайдо намоянд.

Ҳамзамон аз маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомада метавон барои таълими илмҳои таърихи фалсафа, таърихи фалсафаи тоҷик, фалсафаи илм ва омода намудани китобҳои дарсӣ ба таври васеъ истифода кард.

**Дар раванди таҳқиқот** ба таври мушаххас дар диссертатсия муаллиф аз усулҳои таърихию муқоисавӣ, таҳлили системавию мантиқӣ, индуксия ва дедуксия ба таври васеъ истифода намудааст. Ҳадафи ниҳоӣ дар ин таҳқиқ аз он иборат аст, ки масъалаи таснифоти илм дар мактаби машшоияи шарқӣ ва таъсири онро ба таснифоти муосири илм бо далелҳои таърихӣ ва равиши муқоисаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ** бевосита мавзӯи "Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм"-ро дар фалсафаи тоҷик аввалин маротиба ба таври нисбатан муфассал мавриди таҳқиқ ва баррасии илмӣ қарор додааст.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ 03 декабри соли 2020 дар бораи ба Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо додани дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа қарор қабул намуд.

Дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар, аз онҳо 9 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштироккунандагон аз 17 нафар аъзои доимии шӯрои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор - 15 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Аҳмадов С.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, дотсент** **Муминов А.И.**

03 декабри с. 2020